**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор**
**_______________Ибодуллозода А. И.**
**«_3_»__09______________ 2026**

**ТАҚРИЗИ**
**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (1920–2000)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Мувофиқи протоколи № 23, аз санаи 23.07.2026 с. дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 - и назди Институти таърих, бостоншинос ва мардумшиносии ба номи Амади Дониши АМИТ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шамсияи Тоирхон таъин гардида буд.

Диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи *«Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (1920–2000)»* дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардида, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (протокол № 1 аз 28.08.2026 с.) муҳокима ва ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: номзадони илмҳои таърих, дотсентон Ғ. Гадоев, Ғ. Роҳатов, М. Шарипов, С. П. Сайнаков,

М. Ганҷакова, С. Ғуломшоев, Ё. Исмоилов, Д. Раҳматшоев, С. Зубайдуллозода, Ф. Исломзода ва муаллимони калон, унвонҷӯёну докторантон (PhD)-и кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих Ғозӣ Гадоев омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқ мебошад.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро асоснок намудааст. Таъкид мегардад, ки муҳаққиқони рус дар омӯзиши таърих, этнография ва антропологияи тоҷикон нақши муҳим гузоштанд. Аз ин сабаб, омӯзиш, таҳлил ва истифодаи таҷрибаи муҳаққиқони рус дар ташаккули мактаби таърихӣ-мардумшиносии тоҷик, ҳалли масъалаҳои мубрами таърихӣ, рушди илми таърих дар Тоҷикистон ва тарбияи насли нави муҳаққиқон мусоидат намояд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дар диссертатсия гузоришҳои илмӣ ба таври асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошанд.

Қисмати пешниҳодҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ хулосаҳои амалӣ баровардааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои ба дастомадаи он метавонад ба раванди минбаъдаи омӯзиши масъаи мазкур истифода бурда шавад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастовардашуда.** Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар

таҳқиқиқоти диссертатсионӣ саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи ноҳияҳои Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ баррасӣ гардидааст.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд аз ҷониби олимони соҳаҳои таърих, этнография ва антропология дар ҷараёни фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии онҳо инчунин таҳияи китобҳои дарсӣ, монография ва асарҳои илмӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дурустӣ ва асоснокии хулосаҳо, инчунин иистифодаи мақсадноки усулҳои таҳлил, аз ҷумла усулҳои мантиқӣ, таърихият, айният, бетарафӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, татбиқӣ, системавӣ ва таҳлилҳои оморӣ дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ бармеояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ – Шамсияи Тоирхон дар интихоби мавзуъ, муайян кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, пажӯҳиш, таҳлил, баррасӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ инъикос меёбад. Натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ натиҷаи пажӯҳиш, омӯзиш ва баррасии мустақилонаи мавзуи мазкур аз таърифи муаллифи диссертатсия мебошанд. Натиҷаҳои бадастомада аз дараҷаи баланди дониш ва қобилияти таҳлилӣ доштан муаллифи диссертатсия дарак медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маъаллаҳои таризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосии диссертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз

ҷумла 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 монография ва 11 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Шамсияи Тоирхон зери унвони *«Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (1920–2000)»* барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих, 6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ кори илмии баитмомрасида маҳсуб ёфта, мутобиқ ба бандҳои дахлдори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба расмият даровруда шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

**Дар муқаддима** аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва заминаҳои манбаъшиносии он таҳлил гардидаанд, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – ***«Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши мардумшиносии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ»*** унвон гирифта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум, ки ***«Инъикоси фарҳанги моддии сокинони Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва Рашт дар осори муҳаққиқони рус»*** номгузорӣ шудааст, таъкид мегардад, ки масоили мадумшиносӣ яке аз самтҳои муҳими таърихи халқи тоҷик маҳсуб ёфта, имконият медиҳад, ки расму анъана, урфу одат, маросимҳо, тарзи зиндагӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар гузашта муайян карда шавад. Ин

масъала дар давраи шуравӣ ва ҳатто пеш аз он низ диққати муҳаққиқони соҳаи таърих, ба хусус мардумшиносони русро ба худ ҷалб намуда буд.

Зербоби дуюми боби якум ***«Нақши Р. Л. Неменова ва А. К. Писарчик дар омӯзиши мардумшиносӣ ва фарҳанги тоҷикони Варзоб ва вилоятҳои Ғарму Кӯлоб»*** унвон дорад. Муаллифи рисола зикр менамояд, ки яке аз муҳаққиқони рус Розалия Лвовна Неменова мебошад, ки дар таҳқиқоти худ ба масъалаи урфу одат, тарзи зиндагӣ, маросимҳои мардумӣ ва дигар анъанаҳои мардумии ноҳияи Варзоб ва Ғарму Кӯлоб таваҷҷуҳи хоса додааст. Р. Л. Неменова дар доираи фаъолияти экспедитсияи солҳои 1948-1949 зери роҳбарии мардумшиноси машҳур А. К. Писарчик ба вилояти Кӯлоб сафарбар шуда, дар таҳқиқи шеваю лаҳҷаҳои сокинон саҳми калон гузоштааст.

Дар ин зербоб махсусан дар асоси маълумотҳои мардумшиносони рус ҷиҳатҳои гуногуни тарзи зист, урфу одат, эътиқод, оиладорӣ, маданият, намудҳои гуногуни хӯрок ва маърифати зиндагии тоҷикон таҳқиқ карда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия ***«Инъикоси ҳунарҳои мардумӣ ва фарҳанги либоси анъанавии сокинони Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ дар осори мардумшиносони рус»*** унвон дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия ба ***«Омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус»*** бахшида шуда, дар он саҳми олимони рус дар омӯзиши анъанаҳои ҳунармандии тоҷикон баррасӣ мегардад.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки сиёсати давлатӣ дар эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аҳаммияти муҳим дорад. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018 солҳои 2019–2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд, ки ин иқдом барои эҳё ва

густариши ҳунарҳои мардумӣ дар кишвар заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «***Матоъҳои ҳунарӣ ва фарҳанги либоси миллӣ дар таҳқиқоти мардумшиносони рус***» масоили матоъҳои ҳунарӣ ва фарҳанги либоси миллии минтақаҳоии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ дар осори олимони рус мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия қайд мегардад, ки тоҷикон ҳам дар гузашта ва ҳам дар шароити имрӯза дорои матоъҳо ва либосҳои хоси худ буданд, ки дар осори муҳаққиқони рус ба таври васеъ инъикос ёфтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «***Нақши муҳаққиқони рус дар омӯзиши таърихи этникӣ ва этногенези аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон***» унвон дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Зербоби якуми боби сеюми диссертатсия «***Саҳми мардумшиносони рус дар омӯзиши таърихи этникӣ ва этногенези мардуми ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистон***» номгузорӣ шудааст.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки равандҳои этникӣ дар Тоҷикистон дар солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ хеле мурккаб ва гуногун буд. Барои муайян кардани этногенези мардумони на танҳо Осиёи Миёна, балки аҳолии ҷануби Тоҷикистон бояд таркиби нажодии гурӯҳҳои этникии манотиқи зисти онҳо, маскан ва ҳудуди куҳан ва имрӯзаи онҳо муайян карда шавад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм «***Омӯзиши антропологии аҳолии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ дар таҳқиқоти антропологҳои рус***» масоили омӯзиши антропологии тоҷикон аз тарафи олимони рус мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Диссертант, дар ин зербоб овардааст, ки масоили омӯзиши антропологии тиҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон, ки аз ҷониби муҳаққиқони антропологи рус анҷом дода шудааст, натиҷаҳои ба дастовардаи онҳо боиси эътимод мебошад. Аммо, муатаассифона, дар замони соҳибистиқлолӣ оид ба ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон

таҳқиқоти антропологӣ анҷом дода нашудааст. Аз ин сабаб таҳқиқоти антропологони руси замони шуравӣ манбаи муҳим ҷиҳати омӯзиши масоили антропологии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ва талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267) ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дарачаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Шамсияи Тоирхон ба ихтисоси илмии дархостшаванда доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқат менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур меҳисобем.

1. Дар номгузории мавзуи диссертатсия минтақаҳои «Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ» зикр шудаанд, аммо дар дохили матн ва муҳтаво таваҷҷуҳи асосӣ бештар ба минтақаҳои Кӯлоб, Рашт ва қисман Варзоб, Балҷувон, Муъминобод, Восеъ, Ш. Шоҳин, Дарвоз равона шудааст. Дигар ноҳияҳои ҷанубӣ (масалан, ш. Бохтар, Норак, ё водии Вахш) гарчанде баррасӣ шудаанд, аммо таҳқиқи муфассали маводи мардумшиносии онҳо дар асоси осори муҳаққиқони рус камтар инъикос гардидааст.

2. Дар баъзе параграфҳои кор бештар ҷанбаи тасвирии асарҳои муҳаққиқони рус бартарӣ дорад. Назари интиқодӣ ва баҳодиҳии

мувозинатшуда аз нигоҳи дастовардҳои илми муосир ба ин мерос ба қадри кофӣ дида намешавад. Диссертант бояд муайян мекард, ки дар баъзе навиштаҳои олимони Шуравӣ усулҳои идеологизатсияшуда ё баъзе тафсирҳои яктарафа вуҷуд дошта бошанд ё не.

3. Дар зербобҳои марбут ба антропология бояд натиҷаҳои таҳқиқоти антропологии олимони рус ва хусусиятҳои антропологии аҳолии ноҳияҳои Кӯлоб, Рашт ва Варзоб бо таҳқиқоти олимони муосир таҳлили амиқи илмӣ-муқоисавии карда мешуд. Дар ин бахш бештар дар бораи ноҳияҳои марказии Тоҷикистон маълумот додашудааст. Инчунин хуб мешуд навгонии илмии бахши антропология бо далелҳои мушаххаси рақамӣ ё антропометрикӣ тақвият дода мешуд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе хатоҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва осонислоҳ буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих ( 6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзӯи ***«Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (1920 – 2000)»*** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси

6D020300 Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби и.в. дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои таърих Ғозӣ Гадоев тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, (№ 1 аз 28 августи соли 2026) муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 21 - нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 21 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

Раиси ҷаласа, мудири
кафедраи таърихи халқи тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои таърих,
дотсент **Сайнак Парпишоевич Сайнаков**

Ташхисгар, дотсенти
кафедраи таърихи халқи тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои таърих **Ғозӣ Гадоев**

Котиби ҷаласа,
доктори фалсафа (PhD), доктор
аз рӯи ихтисоси таърихи ватанӣ **Фахриддин Исломзода**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ; Телефон: (+992) 2241383; Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj

Тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ **Сайвалӣ Қодирзода**
**“_3_”___08___ 2026 с.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС